# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШ- ГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ,

**Парвандаи аттестатсионии № ___**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 17.04.2021, суратҷаласаи №74**

Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Сайфуллозода Сулаймон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз аз 09 январи соли 2021 (суратмаҷлиси №82) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Сайфуллозода Сулаймон соли таваллудаш 1988. Соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Сайфуллозода Сулаймон аз соли 2012 то соли 2018 дар ҶСП "Спитамен Бонк" дар вазифаҳои гуногун дар самти амалиётҳои асъорӣ кору фаъолият намуда, аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси муовини раиси Раёсати ҶСП "Спитамен Бонк" кору фаъолият дорад.

Сайфуллозода Сулаймон дар соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Диссертатсия дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини аввали раиси Раёсати ҶСП "Спитамен Бонк".

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарипов Баҳром Маҳмудович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҷураев Беҳзод Машрафович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи танзими асъори Бонки миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои

иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Дустматов Б. М. ба имзо расида, аз ҷониби ректори донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз, аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Интихоби муққаризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ алоқамандии зич доранд.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

## МУҲИМТАРИН ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**а) дар нашриёҳои ба Феҳристи маҷалаҳо ва нашриёҳои пешбари илмии тақризшавандаи тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилкардашуда:**

[1-А] Сайфуллозода, С. Такмили идоракунии хавфҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ [Текст] / С. Сайфуллозода // Паёми молия ва иктисод. Душанбе-2021, № 1 (25)- С. 124-129.

[2-А] Ҳикматов, У.С. Хусусиятҳои ташкили амалиётҳои асъории бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / У.С. Ҳикматов, К.Ф. Сайфуров, С. Сайфуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе 2020, №6. – С. 103-109.

[3-А] Сайфуллозода, С. Такмили заминаи меъёрӣ – ҳуқуқии рушди амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Текст] / С. Сайфуллозода // Паёми молия ва иктисод. Душанбе - 2020. № 3 (23) – С. 146-154.

[4-А] Сайфуллозода С. Роҳҳои мукаммалгардонӣ ва дурнамои рушди амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Текст] / Сайфуллозода С. // Ахбори ДДҲБСТ, Хуҷанд 2020. № 3 (84). – С. 5-14.

[5-А] Хикматов, У.С. Особенности организации валютных операций коммерческих банков Республики Таджикистан [Текст] / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. Социально-экономические науки. 2020. № 1. – С.280-290.

[6-А] Сайфуллозода, С. Таснифи амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ [Текст] / С. Сайфуллозода // Паёми молия ва иктисод. Душанбе 2019. № 3 (19).. – С. 85-93.

[7-А] Хикматов, У.С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан [Текст] / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник университета (РТСУ). Душанбе 2019. № 3 (67). – С. 41-52.

[8-А] Хикматов, У.С. Теоретические аспекты сущности валютных операций в коммерческих банках Таджикистана [Текст] / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Труд и социальные отношения. 2019. Том 30. № 4. С. 136-149. DOI 10.20410/2073-7815-2019-30-4-136-149.

[9-А] Хикматов, У.С. Необходимость пересмотра подходов в решении проблем повышения финансовой грамотности населения [Текст] / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник университета (РТСУ). Душанбе - 2019. № 1– С. 41-49.

**Ба унвонии автореферати диссертатсия такризҳо аз шахсони зерин ворид гардиданд:**

1. **Койчуева М.Т.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шӯъбаи иқтисодиёти байналхалқии Пажуҳишгоҳи илмӣ –тадқиқотии ба номи акад. Дж. Алышбаеви Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон бо эродҳои зерин: 1. Кори илмӣ бурд мекард, агар муаллиф пешгӯии қурби пули миллиро нисбат ба доллари ИМА ва евро барои панҷ соли оянда пешкаш мекард; 2. Дар автореферат расми 1 "Қисмҳои асосии муомилоти асъории бонкҳои тиҷоратӣ" қисми хариду фурӯши коғазҳои қиматноки асъорӣ оварда нашудааст.
2. **Ашуров И.С.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат таъсири бозори коғазҳои қиматнок ба қурби асъор баррасӣ нашуда аст; 2. Пешниҳоди муаллиф оид паст кардани хавф тавассути ҷуброни зарари як асъор бо фоида нисбат ба асъори дигар

ҳангоми мавқеи кушода бо асъорҳои гуногун, пешниҳод шудааст, аммо меъёрҳои он пешниҳод нашудаанд.

3. **Ризоқулов Т.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эроди зерин: 1. Дар автореферат пешниҳодҳои барои аз байн бурдани бозори сиёҳи асъор оварда нашудаанд; 2. Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 пурра таҳлил нашудаанд.
4. **Набиев Т.Т.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат пешгӯии қурби сомонӣ нисбати асъорҳои асосӣ (доллари ИМА ва Евро) барои давраи то соли 2030 оварда нашудааст;
5. **Ғафуров Ғ.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат таъсири хавфҳои асъорӣ ба рушди сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ чуқур таҳлил нашудаанд. 2. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф бе асоснокунӣ оварда шудаанд.
6. **Содиқов Р.Ҳ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат механизми паст кардани вобастагӣ аз асъори хориҷӣ оварда нашудааст; 2. Пешниҳоди муаллиф оид ба эътироф ва истифодабарии криптоасъор пурра равшан нагардидааст.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо қайд шудааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва андешаҳои муқарризон хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- роҳҳои такмил додани амалиёти асъории бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти хусусиятҳои ҳолати кунунии он, ки аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкурро муайян мекунанд, **асоснок карда шудааст;**

- ҷанбаҳои назариявии рушди амалиёти асъорӣ, муайян намудани моҳият ва аҳамияти иқтисодии онҳо, аниқ кардани таснифот, омӯзиши таҷрибаи хориҷии пешбурд ва танзими амалиёти асъории бонкҳои тиҷоратӣ бо асосноккунии имкониятҳои мутобиқшавӣ ба шароити Тоҷикистон, **омӯхта шудааст;**

- ҳолати ҷории низоми бонкӣ, муайян намудани хусусиятҳои ташкили амалиёти асъорӣ, муайян намудани нақши онҳо дар истифодаи самараноки маблағҳои бонкҳои тиҷоратӣ **таҳлил гардидааст;**

- нақши Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар танзим ва назорати рушди самараноки амалиёти асъорӣ дар доираи рушди маҷмӯии бахши бонкӣ **муайян гардидааст;**

- модели оптималисозии идоракунии хавфҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми мавқеи кушодаи асъорӣ **тахия гардидааст;**

- дурнамои рушди амалиётҳои асъорӣ дар самти ҳавасмандкунии рушди босуботи низоми бонкӣ, роҳҳои мукаммалнамоии онҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ **пешгӯи карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он асоснок карда шуданд, ки:

- ҷанбаҳои назариявии амалиёти асъорӣ аз нигоҳи равандҳои амалигаштани онҳо дар низоми бонкӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии миллӣ муайян карда шуда, тафсири муаллифии мафҳуми "Амалиёти асъорӣ" пешниҳод шудааст;

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборатанд:

- хусусиятҳои ташкили амалиёти асъорӣ дар низоми бонкии ватанӣ, ки аз вобастагии калон ба иқтисодиёти Федератсия Россия ва таъсири таҳримҳои иқтисодӣ ба он, қурби рубли русӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, муайян карда шудаанд, ки танзими шадиди асъориро аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон асоснок карда, барои аз байн бурдани бозори "сиёҳ"-и асъор ва дастрасии маҳдуд ба муносибатҳои мустақими муросилотӣ бо бонкҳои хориҷӣ, дар шароити имрӯза, пешниҳодҳо муайян ва **коркард гардидаанд;**

- нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар танзим ва назорати рушди самараноки амалиёти асъорӣ дар қаринаи рушди низоми бонкӣ муайян карда шуда, максад ва ҳадафҳои он, ки аз нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат, таъмини устувории низоми бонкии давлат ва мусоидат ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохт иборат мебошанд, **қайд гардидаанд.**

- самтҳои такмили базаи меъёрӣ-ҳуқуқии рушди амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии он равона карда шудаанд пешниҳод гардида, таъмини бехатарии асъорӣ бо назардошти манфиатҳо иқтисоди миллӣ, муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм, асоснок гардида,

принсипҳои асосӣ ба монанди баробарӣ, самаранокӣ ва мутавозин, ки сиёсати давлатиро бо назардошти манфиатҳои ҳамаи тарафҳо ба инобат мегирад, **муайян ва пешниҳод гардидаанд;**

- модели оптималисозии идоракунии хавфҳои асъории бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми мавқеи кушодаи асъорӣ, ки моҳияти он аз диверсификатсияи хавфҳо аз ҳисоби муайян кардани таносуби ҳадди ниҳоии асъор дар сандуқи асъории бонк иборат аст, бори дигар **такмил дода шудааст;**

- дурнамои амалиёти асъорӣ дар заминаи дастгирии рушди устувори низоми бонкӣ тавассути васеъ намудани доираи маҳсулот, омӯзиши амиқ ва ҷорӣ намудани имкониятҳои нави технологӣ асоснок ва пешниҳод гардида, таҷдиди равандҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, бо назардошти хусусиятҳои иқтисодии миллӣ муайян карда шуда, самтҳои асосии мукаммалгардонии амалиёти асъории бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ дар шароити муосир коркард ва **пешкаш гардидааст.**

***Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:***

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, тафсирҳои иттилоотӣ-таҳлилии Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, таҳлилҳои илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инсутитутҳои молиявии байналмилалӣ оид ба масъалаҳои амалиёти асъории бонкӣ, мақолаҳо дар нашрияҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ, натиҷаҳои илмӣ ва таҷрибавии таҳқиқоти худи муаллиф **ташкил медиҳад.**

***Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки***

- эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо ва мақолаҳо исбот менамоянд. Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти мазкурро асарҳои классикони илми иқтисод, иқтисодчиёни маъруфи ватанӣ, инчунин кишварҳои ИДМ ва кишварҳои хориҷӣ оид ба мушкилоти рушди амалиёти асъории бонкҳо ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба мукаммал намудани амалиёти асъории бонкӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ ва ғайра **истифода шуданд.**

- ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти самаранокии амалиёти бонкҳои тиҷоратӣ **асоснок шудааст**;

- дар асоси муқаррароти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ маҳдудиятҳо ва тамоюли ҷории рушди низоми бонкӣ, роҳҳои такмили амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин танзим ва назорати онҳо **муайян гардидааст.**

Муқаррароти асосие, ки дар диссертатсияи мазкур дарҷ карда шудааст, дар конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалии "Финансово-кредитные механизмы регулирования и развития экономики стран СНГ", Душанбе, ДСРТ, (30 октябри соли 2019), “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди устувори иқтисодиёт”, Душанбе, ДМТ, (27 феврали соли 2020), «Использование современных методов управления в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан», Душанбе, ДСРТ, (26 ноябри соли 2020), муҳокима ва баррасӣ карда шудаанд.

Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд ва баъзе бонкҳои ватанӣ татбиқ карда шуда, бо санадҳои татбиқнамоӣ тасдиқ карда шудааст.

Маводи таҳқиқотро инчунин ҳангоми хондани маърӯзаҳо оид ба курси "Фаъолияти бонкӣ", "Муомилоти пулӣ ва қарз" "Муносибатҳои байналмилалии пулӣ" ва ғайра, **истифода бурдан мумкин аст.**

Натиҷаҳои таҳқикот тайи солҳои 2014 – 2019 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ **муаррифӣ гардидаанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- амиқсозии донишҳои назариявӣ ва амалии гузаронидани амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, бо назардошти аҳамият ва нуфузи онҳо ва шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

- дар асоси муқаррароти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ маҳдудиятҳо ва тамоюли ҷории рушди низоми бонкӣ, роҳҳои такмили амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин танзим ва назорати онҳо асоснок карда шудаанд.

- иштироки иловагии шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар натиҷагирӣ аз иштироки мустақим дар ҷамъоварии маълумот, коркард, сохторбандӣ, тафсир, таҳлил ва низоммандсозии онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба истифодабарии маводҳои диссертатсияи мазкур зимни мукаммал намудани амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин нашри мақолаҳо доир ба масъалаи таҳқиқшаванда иборат мебошад.

Дар ҷаласа 17 апрели соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Сайфуллозода Сулаймонро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарз қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои умумии Шӯрои диссертатсионӣ, 17 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, аз 21 нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ, 17 нафар овоз доданд: тарафдор 17 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***доктори илмҳои иқтисодӣ,***
***профессор*** **Исайнов Ҳ.Р.**

***Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ,***
***дотсент*** **Саидмуродова М.А.**